**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан ба таҳлили масоили муҳими таърихи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945) бахшида шудааст. Дар ин давра, мардуми деҳоти Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Кӯлоб, дар шароити бисёр мушкил дар паҳлӯи собиқ халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ барои ғалаба бар фашизм саҳми босазо гузоштаанд.

Муаллиф дар кори худ масъалаҳои мубрами таърихиро баррасӣ намуда, саҳми деҳқонон, фаъолони истеҳсолот ва занони коргарро дар таъмини ақибгоҳ бо маводи хӯрокворӣ, ашёи хом ва дигар воситаҳои муҳими ҷангӣ муфассал таҳлил мекунад. Аз маводи бойгонӣ, асноди таърихӣ ва манбаъҳои аввалиндараҷа ба таври самаранок истифода бурда шудааст, ки ин ба эътибор ва бунёдиятии таҳқиқ мусоидат намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он зоҳир мегардад, ки ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945) бори аввал баҳои воқеӣ дода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва номгӯйи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ном дошта, муаллиф дар зербобҳои он рафт ва натиҷаи коллективонии хоҷагии деҳот ва вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар арафаи ҷангро баррасӣ мекунад.

Боби дуюмии диссертатсия «Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ном дошта, дар зербобҳои он чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ва вазъи рушди соҳаҳои

пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва боғдорӣ дар шароити ҷанг мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» масъалаҳои муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа, корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди таҳлил ва пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Хулосаи автореферати диссертатсия бо забони фасеҳу равон таълиф гардида, диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 22 мақола, аз ҷумла, 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир намудааст, ки мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд. Ҳамчунин, мухтаво ва масоили бахшҳои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи автореферат҈о ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Э.Ҳоҷибеков

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кучаи Ш.Шоҳтемур 109
Тел.: (+992) 935011995; E-mail: elbon_hojibek@rambler.ru

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Э.Ҳоҷибековро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи М. Назаршоев Н. Саидраҳмонов

**Суроға:** 736000,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
Телефон (+992) 22248. E-mail: ksu. khorog@mail.ru

21 июни соли 2025

# ОТЗЫВ

Автор: Ватанзода Шердил Ватан

Название диссертации: «Сельское хозяйство Кулябской области Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны (1941–1945 гг.)», представленной на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктор по специальности 6D020300 – История (6D020301 – Отечественная история)

Диссертация посвящена актуальной проблематике: история Великой Отечественной войны является важнейшим историографическим сюжетом, Советский Союз внес решающий вклад в победу над врагом, население страны понесло большие потери. Победа на фронтах Великой Отечественной войны стала возможным благодаря объединению усилий всех народов, мобилизации общества и ресурсов, поэтому обращение к различным аспектам военной экономики и повседневности позволяет всесторонне осветить историю Великой Отечественной войны и показывает значение тыла.

Автореферат диссертации демонстрирует пристальный интерес диссертанта к вопросам, получившим до настоящего времени фрагментарное освещение в научных исследованиях. Автор глубоко изучил историографию вопроса, выявил лакуны.

Исследование основано на репрезентативной источниковой базе. В работе использованы документы Государственного архива новейшей истории Республики Таджикистан и Государственного архива Хатлонской области в г. Кулябе, опубликованные документы, в том числе из фондов государственных архивов Российской Федерации. Кроме делопроизводственной документации в исследовании нашли отражение и другие виды исторических источников, например, материалы периодической печати.

В автореферате диссертации отражено основное содержание работы. Первая глава посвящена анализу состояния сельского хозяйства Кулябинской области накануне Великой Отечественной войны. Автор изучил коллективизацию сельского хозяйства и ее итоги, последствия, представил состояние отрасли накануне войны.

Во второй главе диссертации исследуется мобилизация сельского хозяйства в годы войны: развитие материально-технической базы, вопросы кадровой политики. Особое внимание автор уделил ключевым отраслям сельского хозяйства региона: хлопководству, коконоводству, садоводству.

Третья глава диссертации посвящена вкладку тружеников сельского хозяйства Кулябской области в победу в Великой Отечественной войне. На основе архивных документов автор показал помощь фронту, оказанную тружениками села: сбор пожертвований и подарков; проанализировать объемы производства и средства достижения поставленных плановых показателей. Последний параграф посвящен культурно-бытовой жизни тружеников сельского хозяйства.

Выносимые на защиту диссертации положения обоснованы и аргументированы, соотносимы с выводами в заключении автореферата.

Анализ содержания автореферата позволяет сделать вывод о том, что полученные научные результаты, представленные в диссертации, обладают убедительными признаками научной новизны.

Результаты диссертаицонного исследования прошли широкую аппробацию. Автор опубликовал 22 научные статьи, в том числе в 9 статей, в журналах, рецензированных ВАК при Президенте Республики Таджикистан, 13 статьях, опубликованных в других изданиях. Результаты исследования апробированы в учебном процессе. Отдельные части диссертации в виде докладов были представлены на международных, республиканских, региональных конференциях в Душанбе, Кулябе, Москве, Перми, Ростове-на-Дону, Оренбурге, Екатеринбурге, Йошкар-Оле. Все это говорит о том, что автору удалось глубоко и всесторонне овладеть предметом своего исследования.

Автореферат отражает достаточный уровень грамотности автора, его владения научным языком и оформлением научного аппарата автореферата и диссертационного исследования.

Автореферат свидетельствует, что исследование отвечает требованиям, и соискатель заслуживает присуждения ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D020300 – История (6D020301 – Отечественная история).

Кандидат исторических наук
(07.00.02 – Отечественная история),
заместитель директора
Объединенного
государственного архива
Челябинской области Антипин Николай Александрович

454091, г. Челябинск, ул. Коммуны, 87, пом. 1
тел.: (351) 220-15-30,
e-mail: info@archive74.ru, сайт https://archive74.ru/

27.06.2025

Подпись заместителя директора ГУ ОГАЧО заверяю.
Специалист по кадров
Ю.Ю. Конарева
27.06.2025г.

ОТДЕЛ КАДРОВ
Государственное учреждение «Объединенный государственный архив Челябинской области»
ОГРН 1047424530034
ИНН 7453129189

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст.**

Давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷумлаи марҳилаҳои сарнавиштсоз ва пурчолиш дар таърихи асри XX ба ҳисоб меравад, ки таъсири он ба тамоми сохторҳои ҷомеаи Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон амиқ буд. Дар ин замина, таҳқиқоти Ватанзода Шердил Ватан дар мавриди ҳолати хоҷагии қишлоқии вилояти Кӯлоб дар солҳои 1941–1945 ба як самти муҳими таърихнигорӣ рост меояд, ки то ҳол ба таври кофӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Ин тадқиқот бо ҳадафи аслӣ – равшан кардани вижагиҳои рушди хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷанг анҷом дода шудааст. Муаллиф тавонистааст бо истифода аз равишҳои муосири таҳқиқоти таърихӣ ва манбаъҳои гуногуни боэътимод, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои расмии давр, санадҳои бойгонӣ, матбуот ва оморҳои расмӣ, вазъияти воқеии минтақаи мавриди назарро дар солҳои ҷангӣ ба таври муфассал инъикос намояд.

Аз таҳлили мазмунии автореферат бармеояд, ки корҳои деҳқонӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо маводи хӯрокворӣ, нақши занону кӯдакон дар меҳнати замин, сиёсати иқтисодии давлати шуравӣ дар соҳаи аграрӣ ва саҳми хоҷагиҳои деҳот дар пуштибонии неруҳои ҳарбӣ, ҳама ба таври муназзаму илмӣ баррасӣ шудаанд.

Яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷуҳ дар ин кори илмӣ тарзи сохтордиҳӣ ва равиши мантиқии пешниҳоди мавод мебошад. Таҳқиқ бо дарназардошти чаҳорчӯбаи дақиқи хронологӣ ва бо истифодаи дурусту созгор аз усулҳои муосири таҳлили таърихӣ анҷом ёфтааст.

Дар баробари муҳтавои илмӣ, сатҳи таҳияи забонии кори мазкур низ шоистаи баҳогузории баланд аст. Лаҳни равон ва фаҳмо, тарзи баён

ва далеловарӣ аз сатҳи баланди омодагии илмии муҳаққиқ шаҳодат медиҳад.

Муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ 22 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз онҳо 9-тоаш дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва боқимонда дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мухиммияти мавзуъ, сатҳи таҳқикот, ҳадаф ва вазифаҳои асосии пажӯҳиш, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, доираи хронологӣ ва ҷуғрофии масъала, предмет ва объекти таҳқиқот, муҳтавои масъалаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти илмию амалӣ ва саҳми мустақими муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқот равшан ва мушаххас баён ёфтааст.

Боби якум – «Хоҷагии кишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» – ба вазъи соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб дар солҳои қабл аз ҷанг бахшида шуда, дар он ҷараёни коллективонии хоҷагиҳо, ҳолати иқтисодии деҳот ва натиҷаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Муаллиф ҷиҳатҳои муҳими сиёсати аграрии давр ва таъсири он ба деҳотро бо истифода аз далелҳои мушаххас ва маълумоти оморӣ инъикос мекунад.

Боби дуюм – «Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» масоили мутобиқгардонии кишоварзӣ ба шароити ҳарбӣ ва сафарбаркунии қувваҳои меҳнатиро дар бар мегирад. Дар ин қисмат, чораандешиҳои ҳукуматӣ барои беҳсозии заминаи моддию техникии хоҷагиҳо, таъмини соҳа бо кадрҳои тахассусӣ ва ҷалби васеи нерӯи кории маҳаллӣ баррасӣ шудаанд. Инчунин, дар бораи вазъи воқеии соҳаҳои пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва боғдорӣ дар солҳои ҷанг таҳлили муфассал пешниҳод мегардад.

Боби сеюм – «Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ба нақши заҳматкашони деҳот дар таъмини ҷабҳа бо маҳсулот ва дастгирии Артиши Сурх бахшида шудааст. Дар ин фасл фаъолиятҳои истеҳсолӣ, ташаббусҳои меҳнатӣ, кӯмакҳои моддӣ ва ғизоии аҳолии деҳот, ҳамчунин вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоии деҳқонон дар замони ҷанг мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)», муҳтавои мухтасари як таҳқиқоти мукаммал ва мустақилро дар бар мегирад, ки ба мавзӯи муҳими илмӣ бахшида шудааст ва дар сатҳи баланди касбӣ анҷом ёфтааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори гирифтани муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб — Боронова Рухшона Абдурасуловна

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад
Тел.: (8 33 22) 2 13 67
**Сомона:** www.dtmik.tj
**E-mail:** dtmik@list.ru

**Имзои номзади илмҳои таърих А.Р. Бороноваро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб — Шокиров Қ.Б.
_4_ _07_ соли 2025

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст.**

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун воқеаи таърихии пуртаъсир ва ҳалкунанда дар таърихи халқи тоҷик ва тамоми Иттиҳоди Шуравӣ мавқеи ниҳоят муҳим дорад. Омӯзиши ин давраи сангин дар илмҳои таърих бисёртарафа ва мукаммал таҳлил шудааст, вале то ҳол мавзуъҳое ҳастанд, ки бояд бо назари тоза ва васеътар таҳқиқ гарданд. Масалан, саҳми минтақаҳои мушаххас, аз ҷумла вилояти Кӯлоб, дар пешбурди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давраи ҷанг бояд бештар равшан карда шавад. Ин ба таҳқиқоти муосир имконият медиҳад, ки на танҳо ҷанбаи ҳарбӣ, балки қишрҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодии замонро низ фарогир гардад ва минбаъд барои омӯхтани ин давра заминаи мустаҳкам фароҳам орад.

Мавзуи рисолаи илмии Ватанзода Шердил Ватан «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ), пешниҳод гардидааст, маҳз яке аз ҷанбаҳои камомӯхташудаи таърихи Тоҷикистон дар дарвраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Шердил Ватанзода нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ кардааст. Мавзуи интихобшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба омӯзиши вазъ, шароит ва рушди хоҷагии қишлоқи як минтақаи муҳими аграрии Тоҷикистон-вилояти Кӯлоб дар давраи хеле

мураккаб ва ҳалкунанда, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзуъ шубҳае ба миён намеорад, зеро солҳои ҷанг барои ҳамаи ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон, давраи муҳими озмоиши нерӯҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва захираҳои инсонӣ буд. Дар ин замина, таҳқиқи вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб на танҳо дар ҷиҳати таърихнигорӣ, балки барои дарки маҷмуи иқтидори иқтисодии минтақа дар шароити ҷанг ва саҳми он дар ғалаба арзиши бузург дорад.

Муаллиф дар кори худ имконият фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои асосии рушди хоҷагии қишлоқ, таъминоти аҳолӣ бо маводи хӯрокворӣ, вазъи истифодаи меҳнати занону наврасон, сиёсати аграрии ҳукумат, мушкилот ва дастовардҳои деҳқонон дар замони ҷанг омӯхта шаванд. Ҳамчунин, саҳми мардуми деҳот дар амалиёти фронтӣ ва пуштибонии моддӣ ва ғизоии Артиши Сурх ба таври муфассал нишон дода шудааст.

Рисола сохтори мантиқӣ дошта, чаҳорчӯбаи хронологии он бо давраи муҳими таърихи муосири Тоҷикистон рост меояд. Ин имкон додааст, ки ҳолати хоҷагии деҳот ва механизмҳои идораи он дар замони ҷанг дақиқ ва мушаххас таҳлил шаванд.

Яке аз ҷанбаҳои мусбати назарраси кори мазкур истифодаи васеи манбаъҳои бойгонӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ ва давлатӣ, матбуоти замони ҷанг ва маълумоти оморӣ мебошад. Маҳз чунин заминаи боэътимод имкон дод, ки муаллиф хулосаҳои боэътимод бо далелҳои мустаҳкам дошта бошад.

Автореферат бо забони равон, илмӣ ва барои хонандаи касбӣ фаҳмо таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад.

Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссетртатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсияи худ 22 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 13 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

Хулоса, диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (соҳои 1941-1945)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба бандҳои асосии «Талаботи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонзода Асадулло Кучак

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел: (+992) 934126000
E-mail: asadullo@mail.ru

Имзои Муллоҷонзода А.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Мирҷамолов М.А.
13.06.2025